**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наслҳои наврасу ҷавонон нақши хоса дорад. Дар ин ҷо этнопедагогика (педагогикаи халқӣ), мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс ва муосир нақши беқиёс ва аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.

Унвонҷӯ Одилзода Дилбар Раҳим дар кори таҳқиқотии худ ба масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таваҷҷуҳ намуда, ба баланд бардории ҳисси ватадӯстии наврасону ҷавонон пажӯҳиш намудааст. Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки асоси таҳқиқоти мазкур омӯзиш ва пажӯҳиши роҳҳои самараноки истифодаи этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва тарбияи ватандӯстии наврасон ба шумор меравад.
Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагон муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш фаслҳо, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот,

аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва психологӣ-педагогӣ**» ба масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун тарбияи иҷтимоӣ ва психологӣ-педагогӣ бахшида шуда, фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстӣ дар адабиёти педагогию психолгӣ мебошад.

Муаллиф қайд кардааст, ки истифодаи педагогикаи халқӣ яке аз воситаҳои ниҳоят муҳимми тарбияи ватандӯстӣ ва унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ маҳсуб меёбад. Шаъну шарафи миллӣ зуҳуроти эҳтироми бепоёни шахс ба ҳуввияти миллии худ, хусусиятҳои этнопсихологии миллати худ, огоҳӣ аз саҳми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ, садоқат ба миллат ва амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ба нафъи мардуми он мебошад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони "**Ватандӯстӣ ҳамчун сифати маънавӣ-ахлоқӣ ва хусусиятҳои тарбияи он дар наврасон**" ба масъалаи тарбия ва рушди ватандӯстию моҳияти тарбияи ватандӯстии наврасон ҳамчун сифати маънавӣ-ахлоқӣ ба корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мушкилотии масоили ватандӯстӣ дар кори таҳқиқотӣ бори аввал аз нуқтаи назари педагогӣ, таърихӣ ва адабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас имконият фароҳам меорад, ки худогоҳию худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад ва наврасон чун шахсият ва ворисони сазовори Ватан ба камол расанд.

Боби сеюми диссертатсия "**Технологияи истифодаи этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) дар тарбияи ватандӯстии наврасон**" масъалаи вазъи истифодаи омилҳои этнопедагогӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои таҳсилотиро дар бар гирифта, корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо натиҷагирӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ намудааст.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» ба талаботи Низомномаи

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат҇ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи
илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Абдусамадова Мунира
Абдуғафоровна

27.05.2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, микр.34, маҳаллаи Навбаҳор
шаҳри Хуҷанд вилояти Суғд. E-mail: munirahon74@mail.ru

Имзои М.А. Абдусамадоваро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишкадаи
илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Иномҷонова У.С.